Назар ва даъвати «шахрванди огох»

дар масъалаи бахсхои марзӣ бо Киркизистон

Гирехи бахси марзии Точикистон ва Киркизистон дар кучост? Даври нави музокирот чӣ тафовут дорад? Рисолати чомеа дар баробари ин мавзӯъ чист? Чаро бояд аз хайати давлатӣ химоят намоем? Дурнамои масъала чӣ гуна аст? Чаро ба ин мавзӯъ рӯй овардам? Нигох ва мурочиати шахрвандии банда дар масъалаи марзхо бо муруре ба ин пурсишхои мухим.

***

ЯК САХИФА МУКАДДИМА

Пас аз навори кӯтохи мурочиати банда дар мавзӯи марзхо аз 19.03.2021 ва вокунишхои гуногун ба он, дӯстони зиёде хостанд, ки дар ин боб шархи муфассале гузорам, то манзара рӯшантар бошад. Ин аст, ки рӯзи аввали Соли нави миллиро сарфи ин кардам, ки ин рисолати миллиро ба чой оварам ва шархи зерро нависам. **Шархе мухимтар аз асл.**

1. Чун, он рӯз дар нохияи Шахритус махфили «ширу шакар» доштам ва 10 соат (!) дар рафтубаргашт будам, навор хастаю афсурда омад. Вале мухим буд, ки дар хамон рӯзи чамъбасти музокирот назари худро баён кунам. Чаро? Шарх мешавад.

2. Комменту ишорахо, ки «фалонӣ ба адабиёт гузашта буду боз дар мавзӯи сиёсӣ назар додааст», низ сахех нестанд, зеро банда гуфта будам, ки аз бахсхои сабуки сиёсӣ бо шахсу гурӯххо дар фазои мачозӣ дур меравам, зеро хамагон шохидем, ки **дар он чойи бахси солим, табодули андеша ва накди дидгоххоро хушунату тахкири хамдигар гирифтааст** .
Ин аст, ки моххои охир дар хеч бахси сабуки мачозӣ бо касе ё гурӯхе нестам.

Аммо, хамзамон шарх дода будам, ки **аз илми сиёсатшиносӣ, тахлили равандхои милливу минтакавӣ ва химояти манфиатхои миллӣ берун намеравам, ки он хам ихтисос ва хам зиндагии ман аст.** Ва мавзӯи марзи давлатӣ махз аз хамин масъалахои усулии фаротар аз бахсхои сиёсист.

3. Бинобар ин, аз нигохи банда, **масъалаи марзи давлатӣ басе фаротар аз бахсхои сиёсии вокеию мачозии байниточикӣ, басе мухимтар аз ихтилофхои чузъию куллии мавчуда байни афрод ё доирахои сиёсӣ мебошад.** Он масъалаест, ки хурду калон, пиру чавон, сиёсию кайрисиёсӣ, шоиру олим, мухолифу мувофик, дохилбудаву хоричбуда, розию норозӣ, дӯстдори хукумату бадбини хукумат, хамагӣ факат як мавкеъ дошта метавонанд:
химояи бе чуну чарои манфиати кишвар, мавкеи давлат ва марзи давлатӣ!
Агар мавкеи касе чунин нест, пас худи ӯ низ аз ин миллату аз ин давлат нест.

4. Сабаби чунин катъият дар он аст, ки дар масъалаи марз сухан на танхо дар бораи

пораи замин, балки дар бораи як асли мукаддас, дар бораи номуси миллӣ, дар бораи рӯхияи миллӣ ва манфиати миллӣ меравад. Бинобар ин, набояд изхори назари як шархванд ва ё дар масъалаи марзӣ ба иттиходу рисолати миллӣ даъват кардани як «шоир» чойи тааччуб дошта бошад. **Балки махз хомӯшию тамошогарии ин хама олиму адибу сиёсатшинос дар чунин масъалаи мухимму хассос бояд боиси тааччуб бошад. Зеро музокироти марзӣ бахси рохбарони ду хайат ё бахси марзу манфиати ду хукумат нест, балки бахси мукаддасот ва манфиатхои миллист.**
Яъне бахси манфиату масъулияти хамаи мо.

Аммо афсус, ки гохо мо натичаи як бозии футболро бештар аз натичаи музокироти марзӣ интизорӣ мекашем. Камтари мо шабе бедор ё соате интизору бекарор истодаем, то аз натичаи музокироти марзӣ огох шавем. Чуноне, ки то сахар бедорем, то натичаи бозиеро бидонем. Хатто бозии дигарон бо дигаронро.

5. Ахаммияти арзишию миллию сиёсии масъала чунин аст. Аз ин рӯ, мехохам чун масъулияти шахрвандӣ назари худро дар бораи вазъияти имрӯзаи масъалаи марзӣ бо Киркизистони хамсоя ва рисолати чомеаи мо дар ин мавзӯъ ба таври дакиктар баён кунам. Чун холо дар ин самт масъулияти расмии сохавӣ надорам, ин назари шахсии шахрвандӣ ва коршиносии банда аст, ки бояд махз чунин пазируфта шавад. Зеро **ватанд орӣ мансаб ва вазифа нест, балки тафаккур, мавкеъ ва рисолат аст. Онро метавон дар Маркази стратегӣ, дар Иттифоки нависандагон ё дар мактаби миёна низ ба чой овард…**

Дар бораи **салохияти коршиносии муаллиф** барои изхори назар дар ин мавзӯи печида бояд гуфт, ки банда бино бар фаъолият дар бахши тахлили сиёсати хоричӣ
беш аз бист сол ба ин масъала наздик будам ва аз чумла, худуди 7 сол хамчун рохбари раёсати тахлили сиёсати хоричӣ аз ин чараён огохии кофӣ доштам
. Бо вучуди ин, даъвои коршиносии ин мавзӯъ надорам ва ин шархро метавон хамчун **«назари шахрванди огох»**
пазируфт.

***

1. ДАР БОРАИ ФАЗО ВА МОХИЯТИ ДАВРИ НАВИ МУЗОКИРОТИ МАРЗӢ

Барои халли бахси марзӣ намояндагони ду кишвар солхо ва борхо мулокоту музокира кардаанд. Гох муваффаку гох ноком. Дар натича то имрӯз беш аз 60% аз хатту бахси марзӣ халли худро ёфтааст, ки он низ комёбист.

Дар арзёбии вазъият ва хусусияти даври нави музокироти марзии ду чониб таваччух ба чанд нуктаи зер мухим аст:

1. Пас аз солхо, ин бор **чониби Киркизистон дар холати муттахида ва кобили гуфтугӯ ва тасмимгирӣ карор дорад** , ки ин омил барои идомаву комёбии музокирот бисёр мухим аст. Яъне, холо президент, парламент, хукумат, ниходхои кудратӣ ва нерӯхои муайянкунандаи сиёсии ин кишвар асосан дар як мавкеъ ва чинох буда, дар муборизаи зиддихамдигарӣ карор надоранд. Омиле, ки то имрӯз дар он чониб набудани он ба натичабахшии музокирот ё татбики натичахои он хамеша таъсири манфӣ мегузошт. Ба ибораи дигар, бахсхои сархадӣ дар муборизахои шадиди сиёсии дохилии ин кишвар дар мукобили хам истифода мешуд ва касе наметавонист дар бораи он тасмими катъӣ гирад ё карорхоро татбик намояд. Имрӯз дар он сӯ чунин вазъият то чойе аз байн рафтааст, ки он омили бисёр мусбат аст.

2. Дар шароити нави пас аз интихобот барои рохбарияти нави кишвари хамсоя халли муваффаконаи бахси марзӣ яке аз ваъдахо ва авлавиятхои чиддӣ буда, барои исботи тавоноии мудирият ва таъмини машрӯияти устувори онхо низ бисёр мухим аст. Ин аст, ки **рохбарияти хамсоя ин бор хам зарурат ва хам иродаи сиёсии бештар барои хатми бахсхо дорад.**

3. Дар ин мархила аз чониби хамсоя зимоми музокироти марзӣ дар ихтиёри доирахо ва афродест, ки худ дар минтакахои чанубии ин кишвар эхтиром ва нуфузи чиддӣ доранд. Доирахое, ки нодида гирифтани назари онхо гохо боиси нокомии музокироти пешин мегашт. Ин холат боис мешавад, ки акнун **онхо на танхо манфиатхои ин мардумро ифода кунанд, балки боварии онхоро низ хамрох дошта, карорхои кабулшударо дар минтакахои марзӣ татбик карда тавонанд.**
Ин омил низ бисёр мухим аст.

4. Дар ин давр хайати хар ду кишварро раисони кумитахои амнияти миллӣ рохбарӣ мекунанд, ки ин холат чанбаи табликотию ташрифотии масъаларо кам ва дар айни замон, **чанбаи корию амалии онро чиддитар мекунад.**

Аз ин назар, аз сатхи муовинони сарвазир ба сатхи раисони кумитахои амният поин овардани рохбарони хайатхо дар асл пасттар кардани сатхи музокирот нест, балки нишонаи чиддитар шудани муносибат бо масъала аст. Дар чунин маврид субъекти музокиракунанда ва татбиккунанда дар як хатту як чорчӯб чамъ мешавад, ки аз назари амалӣ хеле мухим аст (Ахиран дар кишвари хамсоя низ ниходи марзбонӣ ба тобеияти Кумитаи амнияти миллӣ дода шудааст).

5. Аз назари шахсӣ низ рохбарони хар ду хайат дорои салохияти хосса буда, хамчун шахсони ботачриба, чиддию усулманд, афроди бонуфӯзи чомеаи худ ва чехрахои наздиктарин ба рохбарони ду давлат шинохта мешаванд.

6. Дар бораи лахзаи чории геополитикӣ дар атрофи минтака ва гуфтушунидхои марзӣ, ки омили нихоят мухим аст, бояд гуфт, ки бо фаъолшавии сиёсати нави Ӯзбекистон дар ду соли охир, худи минтака дар мархилаи эхёи равандхои хамгароӣ карор дорад, ки ин раванду рӯхия халли харчӣ зудтари чунин низоъхоро такозо мекунад. Эълони ахири президенти Чумхурии Ӯзбекистон, ки **шояд дар се мохи оянда ба бахсхои марзӣ бо Киркизистон хотима гузошта шавад** , на танхо паёми сиёсӣ, балки хабарест, ки такйири сифатии муносибати кишвархо ба ин масъаларо ифода мекунад. Шархи бештари он дуруст нест, то солимии раванд осеб набинад.

Дар айни замон, дар мавриди фазои муносибати худи ду чониби бахси марзии мо, бояд гуфт, ки мутаассифона, дар лахзаи феълӣ омили калони геополитикӣ пурра ба нафъи мо нест. **Холати дигаре, ки даркаш мумкин ва шархаш норавост.** Дар як сухан, ин масъала на танхо барои кишвархои минтака, балки барои дӯстихову шарикихои стратегии фаромантакавии онхо низ имтихони чиддӣ хохад буд.

7. Тавре рӯшан гашт, ин омилхо то ин лахза натичаи худро додаанд ва даври навбатӣ, ки ду рӯз пештар анчом ёфт, яке аз чиддитарин ва пурбортарин мархилахои музокироти марзӣ будааст. Дар он мувофикахои усулие ба даст омаданд, ки метавонанд дар халли ин бахс кушоиши чиддӣ оваранд. Онхо чистанд ва чаро махфиянд, дар поён зикр хохад шуд. Тартиби кор ин аст, ки бахши хамохангшудаи масъалахо дар мулокоти дар пеш будаи рохбарони ду давлат мувофика ва дар хадди тавофуккардаи чонибхо расонӣ мешаванд.

2. РИСОЛАТИ ЧОМЕА ДАР ЧИСТ?

1. Дар баробари бахси сиёсию арзишӣ, масъалаи марз як мавзӯи тахассусӣ ва амниятиест, ки бояд миёни хайатхои босалохият ва сохибтахассус бахсу музокира шавад. **Ин бахс харгиз дар сахифаи матбуот, шабакахои ичтимоӣ ё фазои иттилоотӣ хал намешавад.** Албатта, намояндагони чомеа низ метавонанд мохият ва куллиёти масъаларо дастгирӣ ё бо он мухолифат намоянд, аммо онро махз хайатхои босалохияти сиёсию касбию амниятӣ халлу фасл мекунанд. Бинобар ин, бахси матбуотии чузъиёти чунин масъалахо кори созанда нест.

Талаби «шаффофият» ё «хукуки дастрасӣ ба иттилоот» низ дар ин маврид нишонаи дурии баъзе «коршиносон»-и мухтарам аз раванд аст. Зеро **тибки аввалин протоколи дучониба дар ин масъала ва тибки банди мушаххасе, ки дар протоколхои чамъбастии хар давра чой дорад, музокироти марзӣ бояд хусусияти комилан пӯшида дошта бошанд ва хеч чониб бояд то расидан тавофуки нихоӣ ва имзои созишномаи расмӣ чузъиёти онро ифшо накунад.**
Зеро хар маълумоти бемавкеъ ифшошуда метавонад маводи хубе барои фитнахои куввахои сеюм гардад ва ба солимии раванд халал расонад. Аз ин рӯ,
аз чониби Точикистон риоят шудани тавофук дар бораи махфияти чузъиёти музокира на чойи маломат, балки нишони масъулият ва нуктаи мусбат аст.
Коре, ки тибки созишнома, хар ду чониб ба он ӯхдадоранд.

Албатта, зарурати тахкими робитаи зиндаи аъзои хайати музокиракунанда бо мардуми оддии минаткахои бахсӣ ва вусъати корхои фахмондадехӣ дар махалхо хамчунон эхсос мешавад, ки умедворем рохбарияти нави хайат, ки аз ахаммияти ин кор огоханд, онро таквият мебахшанд.

2. Дар чунин масъалаи усулӣ ва лахзаи хассос, рисолати асосии чомеаи мо, рисолати хамаи кишру гурӯху сатху самтхои он ин аст, ки **аз мавкеи давлат ва манфиатхои миллӣ химоят намояд** . Химояти хайати музокиракунандаи давлат низ чузъи хамин химоят аст.
Ин хайат аз чониби давлат таъйин шудааст ва хайати давлати мо, хайати хар яки мо ва хайати хамаи мост. Он ба пуштибонии чиддии сиёсӣ, иттилоотӣ, равонӣ ва чамъиятӣ ниёз дорад ва чомеаи огох ва ватандор бояд онро таъмин кунад.

Зеро аз хирад нест, ки хайатеро ба чунин чабхаи хассос фиристему худ аз паси он тир андозем. Ин бахси бебахс, хатти сурх, меъёри кӣ будани хар яки мост.

3. Яке аз мухимтарин вазифахои хамаи мо дар ин раванд нигох доштани фазои солими иттилоотӣ дар атрофи ин масъала аст. Зеро **хамагуна тахлилхои кайрикасбӣ ва кайримасъулона ва хама гуна маводи тахрикдиханда метавонад булури фазоро шиканад, истифодаи бад шавад, ба фитна табдил гардад.**
Аммо мутаассифона, имрӯзхо хатто касоне, ки дар масъалахои сиёсию низоъшиносӣ, **аз чумла дар равиши халли масъалахои марзӣ хатто камтарин тахассус надоранд, бе хеч эхсоси масъулият хамчун «коршинос» дар ин бора изхори назар мекунанд. Ё дар ин боб барномахои эхсосие пахш мекунанд, ки ба халли масъала харгиз мусоидат намекунад.**

Масалан, ба назари шахсии банда дар хамин шабу рӯз бознашр ва шархи эхсосии як мусохибаи кӯхнаи раиси хайати Киркизистон дар расонаву сомонаи баъзе гурӯххои точик, аз чумла дар «Паём», ки ба ташкилоти террористи экстремистии собик хизб нахзати ислом таалук дорад ба фазои созандаи муносибатхо таъсири манфӣ гузошт. То чое, ки ин амал боиси хайрати чониби хамсоя гашт, ки чаро бо вучуди музокироти бисёр хуб, «точикон» ин маводро дар чунин лахза ёфтаву нашр кардаанд ва ба чойи эътимод миёни чонибхо хисси нобоварӣ мекоранд? Бале, дигарон хамаи моро махз хамчун «точикон» мешиносанд ва гумон мекунанд, ки чунин зарба ба музокиротро махз «точикон» задаанд…

Чунин амалхо бори дигар нишон медиханд, ки чунин расонахо хатто агар масъулияти иттилоотиашонро ба чой оварданӣ шуда бошад, якинан лахзаи сиёсӣ ва масъулияти миллияшро дуруст ташхис надодаанд. **Аз чумла, ин расона хатто агар масъулияти иттилоотиашро ба чой оварданӣ шуда бошад, якинан лахзаи сиёсӣ ва масъулияти миллияшро дуруст ташхис надодааст. Зеро як нерӯи сиёсӣ ё расонаи миллӣ худ дарк мекунад, ки дар чунин лахзаи хассос ва дар чунин масъалаи усулии фаросиёсӣ талоши беобурӯ кардани хайати хукумат, тахкири пайвастаи рохбари хайати Точикистон ё тахриби чехраи хайати мехмон**
харгиз мавкеи шоистаи миллӣ нест.

Хусусан, **агар чунин икдомхо огохона анчом шаванд, дар ин масъала он зарбаи**

мустаким ба манфиатхои миллӣ аст, ки хеч каси мо, новобаста аз мавкеи сиёсии худ, чунин хукук надорем. Дар ин масъала хар фард ва хар нерӯ аз кӣ будани худ имтихон месупорад.

4. Аз сӯи дигар, бахси марзӣ факат бахси «хакикати илмӣ» ё «адолати таърихӣ» низ нест. Яъне, ин бахси илмию таърихию расонаӣ дар боби хакикату адолат дар музокирот хамаи чиз нест. Он метавонад бахши асосии бахс бошад, аммо халли масъала на танхо ба «хакикат», балки ба «вокеият» низ вобаста аст. **Таносуби чории сиёию низомӣ, иродаи сиёсӣ, фазои геополитикӣ, чобачоии феълии одамону зерсохторхо, хиради миллӣ, малакаи дипломатӣ, сифатхои шахсӣ… Инанд омилхои дигари халкунанда…**

Бинобар ин, интизори баркарории «хакикати илмӣ» ва «адолати таърихӣ» дар бахси марзӣ як интизори хушбинона ва кайривокеӣ мебуд. Агар ин хакикату адолат дар сиёсати амалӣ корсоз мебуд, мо ба ниме аз ин минтака даъво ва хакки халол дорем. Нуктаи бе шарх.

Тачрибаи чахонӣ низ нишон медихад, ки дар масъалаи марзхо пофишории бенихоят рӯи хакикати илмӣ ё адолати тарихӣ ва хусусан, шакли эхсосию расонаию оммавии он созанда нест. Дар ин бахс **«адолат» дар натичаи набарди «хакикат» ва «вокеият» шакл мегирад ва хеч хайат ва чонибе фаротар аз он рафта наметавонад.**
Ин талхтарин чойи масъала аст, ки хатто гуфтани он ногувор мебошад.

5. Барои тасаввури вахдати мавкеи чомеа дар чунин масъалахои усулии миллӣ зикри ду мисол муносиб аст:

Мисоли аввал: Масалан, ханӯз чанд рӯз пеш раиси Хизби коммунистии Русия Г.Зюганов бо рохбарияти кишвараш дар ихтилофи шадид буда, мардумро ба тазохуроти эътирозӣ дар рӯзи 23-юми феврал даъват мекард. Аммо **баробари шунидани**

тахкири Путин бо котеъият изхор дошт, ки тахкири президенти Русия баробари тахкири тамоми Русия аст ва мо дар ин масъала якдилона дар атрофи рохбари давлат хастем!
Рохбарони хизбу харакатхои дигар, аз чумла В.Жириновский низ дар ин масъала ба таври сарех аз хайсияти президенти Русия химоят карданд.

Ин намунаи хуби камоли сиёсӣ, лидери сиёсӣ, хизби сиёсӣ, оппозитсияи хирадманди сиёсист.

Мисоли дуввум:

Чанд сол пештар макомоти америкоӣ аз писари шохи собики Эрон ва яке аз рохбарони асосии мухолифини хукумати феълии Эрон дар хорича Мухаммадризо Пахлавӣ даъват намуданд, ки хамчун шахси бонуфӯз барои фазосозӣ ба нафъи лоихаи минтакавии бо сармоягузории ИМА аз тарики Афконистон ба Хинду Покистон интикол додани гази Туркманистон (ТАПИ) дар маъракаи табликотӣ иштирок намояд. Ӯ чавоб дод, ки (тарчумаи мазмунӣ) ин лоиха аз хоки Эрон намегузарад ва дар бозори энергетикӣ бар хилофи манфиатхои Эрон аст ва банда харгиз ба нафъи он табликот намекунам. Гуфтанд, ки Шумо рохбари мухолифини Эрон хастед ва ин режим падари Шуморо сарнагун ва худи Шуморо овора кардааст. Чӣ гуна Шумо аз манфиатхои Эрон дифоъ мекунед? **Гуфт: Банда мухолифи хукумати феълии Эрон хастам, на мухолифи давлату манфиатхои Эрон. Марзу бум ва манфиатхои давлатии Эрон дар хар холат барои ман мукаддасанд!**

Ин низ намунаи хуби камоли сиёсӣ ва мухолифини хирадманди сиёсист.

Бинобар ин, шоиста мебуд агар хамаи нерӯхои сиёсии точик, новобаста аз мавкеи сиёсию ичтимоию идеологии худ, дар чунин лахзахои мухим ва дар чунин масъалаи усулӣ махз барои тахкими мавкеи давлат ва муттахидии чомеа дар атрофи ин мавзӯи миллии фаросиёсию фарочинохӣ сахм мегузоштанд.

Хамин тавр, масъалаи марзи давлатӣ масъалаи хамаи мо ва нуктаи пайванди хамаи мост, новобаста аз мавкеи сиёсии касе нисбат ба хукумат ва рохбари хайати давлатӣ. Ва рисолати чомеаи мо, балки рисолати хар яки мо махз дар хамин химояи устувори ин масъалаи миллист.

3. НИГОХЕ БА ДУРНАМОИ МАСЪАЛА

Дар бораи дурнамои халли масъалаи марзхо бо Киркизистони хамсоя таваччух ба нуктахои зерин мухим мебошанд:

1. Хам аз назари таърихиву фархангӣ ва хам аз назари хукукию сиёсӣ Киркизистон барои мо кишвари дӯсту бародар аст. Точикистон низ барои хамсояи худ чунин аст. Хусусан, дар масъалахои обию энергетикии минтака, ки солхои дароз муташаннич буданду мо эхсоси шадиди танхоӣ доштем, ин кишвар хамчун кишвари болооби минтака ягона шарики вокеии мо буд.

Точикистон ва Киркизистон хам дар сатхи дучониба ва хам дар доираи созмонхои байналмилалию минтакавӣ кишвархои хампаймон буда, на Консепсияи амнияти миллӣ ва на Консепсияи сиёсати хоричии мо харгиз хамдигарро хамчун «тахдид» таъриф намекунанд. Дар масъалахои амниятӣ низ ду кишвар хампаймону хамманфиатанд, ки ин вокеият басе фаротар аз сиёсату дипломатия мебошад.

Бинобар ин, бо сабаби **ихтилофи марзии меросӣ** ба рох мондани табликоти манфӣ ва тахкиромез нисбат ба давлат ва миллати хамдигар, ки баъзе расонахои бемасъулияти дохиливу хоричӣ аз ду с ӯй анчом медиханд, харгиз ба нафъи мо нест. Ин чо модели идомаи низоъи сиёсӣ-низомӣ-табликотии Кашмир байни Хиндустону Покистон корсоз намебошад. Баръакси ин,

бояд тамоми талош анчом дода шавад, ки ин бахс дар доираи дӯстиву некӯхамсоягии ду кишвар ва дар заминаи тачрибаву анъанахои бузурги хамзистии ду миллат хал гардад.
Зеро мо на танхо чунин зарфият дорем, балки дар ин минтака амалан махкум ба хамзистӣ хастем. Ин мушкилаи муштараки хар ду давлат аст, ки бояд муштаракан хал кунанд. Зеро
бо таблики нафрат аз як ихтилофи махдуди ба истилохи низоъшиносон латентиву локалӣ ба душмании ду давлат ва ду миллати хамчавор табдил кардани ин низоъ бузургтарин зарба ба манфиатхои хар ду давлат ва хар ду миллат хохад буд
. Холате, ки бисёрихо дар шарку карб ва дар дуру наздик онро интизоранд. Рисолати ахли каламу сухану тахлил дар ин масъала аз рисолати ахли сиёсат камтар нест.

2. Масъалаи марз байни ин ду хамсоя халли низомӣ надорад. Пас, ташвики «бо зур гирифтани китъае» ё «пирӯз шудан бар чонибе» дар ин шароит мавкеи масъулона набуда, танхо боиси амиктару бузургтар шудани низоъ мегардад, ки вусъати он метавонад мухити ду кишварро тӯфонӣ кунад. Хатто аз тавозуни низомӣ гирифтани он заминхои бахснок ва кашидани девори оханин кори ношуданӣ нест ва чониби мо барои он аз хар чихат кудрати кофӣ низ дорад. Аммо аз назари хиради сиёсӣ ва дурандешию некӯхамсоягӣ дар чунин сурат ин бухрон ба низоъи абадии байни ду давлат ва ду миллат табдил меёбад, ки ба нафъи хеч чониб нест. Сабаби асосии тааммулу худдорихои сатхи сиёсӣ низ на заъфи нерӯ ё ирода, балки махз дар хамин васеънигарию дурбинист.

Зеро, илова бар даъвохои сиёсию амниятӣ, дар ин минтакахои бахснок ахолии зинда зиндагӣ мекунанд ва талаботи чории онхо ба обу барку роху замину манзил бокӣ мемонад. Ва мухимтар аз ин, дар дохили ду кишвар низ шумори бузурги намояндагони хар ду миллат сукунат доранд, ки хамзистии осоиштаи онхо бояд халал наёбад ва ба масъалаи бузургтар табдил нашавад. Пас, дар ин масъала даъватхои эхсосӣ, хоса аз дур, рохи хал нестанд, балки акл, ирода, тадбир, дипломатия махз барои чунин холатхост, то номумкинро мумкин созад.

3. Тачрибаи чахонӣ нишон медихад, ки чунин мушкилоти мураккаби таърихӣ харгиз бо як ё ду нишаст халли худро намеёбанд. Шояд нишастхо, музокирахо ва солхо зарур оянд, ки

халли нихоӣ ба даст ояд. Бинобар ин, шитоб ё интизори халли фаврии масъалахо низ хушбоварист. **Гарчӣ холо беш аз хар вакти дигар шароит барои кушоиши усулӣ дар ин мавзӯъ муносибтар аст.**

4. Албатта, «гирехи асосӣ» ё бахси асосии методологии музокироти марзӣ, яъне тавофуки чонибхо рӯи «хуччатхои такягох» ханӯз халли нихоӣ наёфтааст**. Мохияти мушкил дар он аст, ки чонибхо ханӯз ба хуччатхои мухталифи сатху даврахои гуногун такя мекунанд, ки хамаи онхо курби яксони таърихӣ ва хукукӣ надоранд. Аз чумла, чониби Точикистон дар ташаккули мавкеи усулии худ ба хуччатхои расмии таксимоти худудию маъмурии солхои 1924-1927 ва 1932 такя дорад, ки расмияти мукаррарнамудаи конунгузории давраи Иттиходи Шӯравиро гузаштаанд. Конститутсияи Иттиходи Шӯравӣ дар хамаи вариантхои соли 1924, 1936 ва 1977 низ такйири марзхои давлатии чумхурихоро танхо бо розигии худи онхо ичозат медихад. Чониби дигар дар шархи вазъияти шаклгирифта дар атрофи баъзе китъахо ба назар гирифтани баъзе хуччатхои махаллии таксимоти маъмурӣ ё санадхои байниидорвай заминистифодабариро низ зарур мешуморад, ки онхо мукаррароти муайяншудаи конугузории ИЧШС дар бораи таъйини марзи давлатиро нагузаштаанд. Ин холат яке аз мухимтарин гиреххои раванди музокирот ба шумор меравад.**

Мушкили дигар ин аст, ки дар бахси марзӣ сухан танхо дар бораи таксими физикии замин ва кашидани хатти марз дар чойи холӣ намеравад, ки он кори мушкиле нест. Балки дар ин равванд бояд масъалахои мураккабтарине чун **таксими мачро ва сарчашмахои ташаккули об, хатхои барк, роххо, нуктахои ахолинишин, хонаву дороии мардум, заминхои кишоварзӣ, чарогоххо, нуктахои маишӣ, зерсохторхо, коркарди механизмхои кафолати дучонибаи риояти татбики натичахо ва к. дар мухити зиндаи инсонӣ ва минтакаи серахолӣ халли худро ёбанд.**

Ва низ бояд дар назар дошт, ки бар хилофи инъикоси якчонибаи расонахо, масъалаи марзии ду кишвар имрӯз факат бахси Исфараву Ворух нест, балки дар минтакахои Овчӣ Калъача ва Хистеварзи нохияи Бобочон Кафуров низ бахсхои хачман хеле калонтаре чой доранд.

Табиист, ки расидан ба чунин халли фарогиру комплексӣ коре нихоят мураккаб буда, ба

иродаву захмату замони зиёде ниёз дорад.

5. Бинобар ин, дар чунин мархила ва дар чунин раванд хеле мухим аст, ки **рӯхияи созандаи музокирот, хамкории шариконаи хар ду давлат, дӯстии ду миллати хамчавор, амнияти минтакахои бахсноки наздисархадӣ ва муошрату хамзистии неки инсонхо нигох дошта шавад.**
Ин мухимтарин омилест, ки мухити гуфтугӯи созанда ва идомаи чустучӯи роххои халли масъаларо имконпазир менамояд. Кадам ба кадам, дар доираи манфиатхои миллӣ. Ва бисёр мухим аст, ки чомеаи мо низ дар ин масъала рисолати миллии худро фаромӯш насозад.

Ин аст дидгох ва даъвати шахрвандии банда дар мавзӯи имрӯзу фардои масъалахои марзӣ миёни ду кишвари хамсояи Точикистон ва Киркизистон.

Абдуллохи Рахнамо